# СУРАТМАҶЛИСИ №22

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030

**12 - уми феврали соли 2021.** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 - юми марти соли 2020, таҳти №63 тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## <u>**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**</u>

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Саидов Ҳ.С., аъзои комиссияи ташхис Ғаффорӣ Н.У. ва Собирова Қ.Д. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

## <u>**ҚАРОР КАРДА ШУД:**</u>

1. Диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд: Алиева Рафоат Рашидовна доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; Давлатов Раҳмадкарим, номзади илмҳои таърих, директори Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад: “Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 21- уми майи соли 2021 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои сиёсӣ, профессор** **Нуриддинов Р.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**